«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
_______________
«__»__________ соли 2024

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи милии Тоҷикистон

**Муҳокимаи диссертатсияи докторанти PhD-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Холиқзода Аҳлиддин Юлдош, соли 2008 ба факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2012 аз рӯйи ихтисоси менеҷмент бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 2012 ба зинаи магистратураи донишгоҳ дохил шуда, соли 2014 онро бо дипломи аъло хатм намуд. Аз соли 2014 то 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва бонкдории факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст. Солҳои 2017-2018 ба ҳайси мушовири академии (эдвайзер) факултети молиявию иқтисодии донишгоҳи мазкур кор кардааст. Аз соли 2018 то 2021 дар зинаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент таҳсил кардааст. Аз соли 2021 то инҷониб муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият карда истодааст.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6.02.2019 таҳти рақами №08 мавзуи диссертатсияи докторанти PhD Холиқзода Аҳлиддин Юлдош бо номи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», зери роҳбарии д.и.и., профессор Қурбонов А. К. тасдиқ карда шудааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса бароварда шуд:

**1.Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар шароити муосири рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ рушди минбаъдаи низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мавқеи хос дорад. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати дорои захираҳои барзиёди меҳнатӣ бо тамоюли афзояндаи сатҳи таваллуд мушкилоти таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ҷой дорад, масъалаи муҳим дар

баланд бардоштани некуаҳволии мардум ба шумор меравад. Дар ин робита аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои назаррас ба сомон расонида шудааст, ки бар беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ нақши ҳалкунандаро бозидаанд.

Низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, самаранокии қорорҳои қаблушаванда дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳими муайянкунандаи имкониятҳои молиявии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баромад хоҳад намуд. Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бидуни ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ташаккули низоми комилан муътадили тақсимоти даромадҳо ва таъмини адолатнокии иҷтимоӣ тасаввур намудан имконнопазир аст. Такмили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ имконият медиҳад, ки хароҷотҳои иҷтимоии давраи гузариш паст карда шуда, мутобиқшавии пурраи табақаҳои васеъи аҳолӣ ба шароитҳои нави муносибатҳои хоҷагидорӣ дар шароити бозор ва ҷаҳонишавӣ хубтар ба роҳ монда шавад. Ин ҳама муҳиммияти мавзуи илмӣ-таҳқиқотиро инъикос менамоянд.

**2. Натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошаид, инҳо маҳсуб меёбанд:** асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди назарияҳои идоракунии таъминоти ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир муқаррар карда шудаанд, тамсилаҳои муваффақи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муайян карда шуда, имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудааст, арзёбии асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудаааст, вазъи муосир ва тамоюли инкишофи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шуда, субъектҳои ҳифзи иҷтимоӣ, институтҳои сохтории он, инфрасохтори институти кумаки иҷтимоӣ дақиқ карда шудаанд, самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба коркарди механизми баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии ҳифзи ичтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

**3. Баъзе тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот:**

1. Зарур аст, ки масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии шаҳрвандони ҷумҳурӣ – зиёд кардани ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ба категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон, додани нафақа, васеъ намудани номгӯи хизматрасонӣ таҳия ва коркард шаванд.
2. Пешниҳод карда мешавад, ки равишҳои комилан нави идоракунии равандҳои иҷтимоӣ коркард карда шаванд, ки мунтазам иттилоотҳои заруриро оид ба тақозои шаҳрвандон ба кумакӣ иҷтимоӣ пайгирӣ намуда, тақсимоти боадолати захираҳои молиявиро таъмин созад.
3. Такмили механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, пеш аз ҳама, таҳияи принсипҳои асосӣ ва модели ягонаи идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, қабули карорҳои идоракунӣ оид ба

дастгирии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҳалли масъалаҳои аввалиндараҷаи иҷтимоӣ, инчунин таҳлил, пешгӯӣ ва банақшагирии дарозмуддати самтҳои асосии фаъолияти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва рушди низоми минтақавии ҳифзи иҷтимоиро дар маҷмӯъ дар назар дорад.

4. Дар такмили идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии мамлакат татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои системавӣ зарур аст. Ташаккули механизми ташкилию идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бояд ба бунёди модели комилан нави мутавозин равона карда шавад, ки танзими давлатиро бо механизмҳои бозории худтанзимкунӣ муттаҳид намуда, такрористеҳсолоти истувори васеъро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

**4. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**5. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятиоки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ робита дошта, аз ҷумла аз таҳия ва аниқ гардонидани заминаҳои илмӣ-методии таҳқиқот, истифодаи равишҳо ва усулҳои гуногуни илмӣ оид ба механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Дар натиҷаи амалӣ намудани таҳқиқот оид ба идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои такмили механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз механизмҳо, алгоритм, усулҳо ва моделҳои эконометрикӣ муайян карда шуданд.

**6.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд, инҳоянд:

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУЪ:

### А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:

[1-М]. Холиқзода А.Ю. Таҳлили нишондиҳандаҳои низоми нафақа ва таъминоти иҷтимоӣ [Матн] / А.Ю.Холиқзода // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019.- №10. Қисми I.-С.99-105.

[2-М]. Холиқзода А.Ю. Асосҳои назариявии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор иҷтимоӣ [Матн] / А.Ю.Холиқзода // Паёми молия ва иқтисод, №3 (32). -2022.-С.191-197.

[3-М]. Холиқзода А.Ю. Арзёбии вазъи муосир ва масъалаҳои идоракунии самараноки ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷтимоӣ [Матн] / А.Ю.Холиқзода// Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.- Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023.- №1. - С.87-94.

[4-М]. Холиқзода А.Ю. Анализ пенсионной системы в условиях рыничной экономики[Текст] /А.К.Курбанов, А.Ю.Холикзоде // Журнал Финансовая –Экономика. - г.Москва, 2023г. №11.-С.118-124.

### Б) Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:

[5-М]. Холиқзода А.Ю. Ҳиссаи соҳаи саноат дар рушди таъминоти иҷтимоии вилояти Хатлон [Матн] /А.Ю.Холиқзода / Маводи конф. илмию амалии байнал. дар мавзуи: «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар», (13.11.20). –ш.Кӯлоб, 2020.-С.190-193.

[6-М]. Холиқзода А.Ю. Механизми пардохти кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Ю.Холиқзода / Маводи конф. илмӣ-амалии ҷумҳур. дар мавзуи «Вазъи муосир ва дурнамои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», (27.03.21., Донишкадаи саёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат)- Душанбе, 2021.-С.99-103.

[7-М]. Холиқзода А.Ю. Нақши занони соҳибкор дар рушди иқтисодиёти минтақаи Кӯлоб [Матн] / А.Ю.Холиқзода / Маводи конф. ҷумҳур. илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)» бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (11 декабри соли 2021)- ш.Кӯлоб, 2021.-С.330-335.

[8-М]. Холиқзода А.Ю. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунииии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор [Матн] / А.Ю.Холиқзода / Маводҳои конф. байнал. илмию амалӣ дар мавзуи “Самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”, ( 25.11.22). - Душанбе, 2022.- С.462-466.

[9-М]. Холиқзода А Ю, Назиров И.А. Мушкилотҳои муосири идоракунии сиёсати молиявӣ дар иқтисодиёти кишвар [Матн] / А.Ю.Холиқзода, И.А. Назиров / Маводи конф. илмӣ-назар. байнал. дар

мавзуи “Самаранокии идоракунии давлатӣ ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон”, (Душанбе, 25/26.11.22)-Душанбе, 2022.-С.193-199.

[10-М]. Холиқзода А.Ю., Файзиддини З. Присипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир [Матн] / А.Ю.Холиқзода, Файзиддини З / Маводи конф. ҷумҳур. илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ”, ( 20.10.23.).-ш.Кӯлоб, 2023.-С.281-285.

[11-М]. Холикзода А.Ю. Дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ [Матн] /А.Ю.Холиқзода / Маводи конференсяи байналилмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳими таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир» (9/10.06.23, шаҳри Кӯлоб),-Душабе, 2023.-С.178-182.

7. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Хулосаҳо ва пешниҳодоти натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи чораҳо оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар барномаҳои давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуданд. Ҳамчунин, тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда, дар ҷараёни таълим, дар факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун воситаи методӣ истифода бурда шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

8. **Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ ба вуқӯъ пайвастааст. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳимият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок карда, нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст. Унвонҷӯ мустақилона маводи мавзуи таҳқиқотиро ҷамъоварӣ карда, онҳоро коркарди илмӣ намуда, дар заминаи таҳқиқи асосҳои назариявию амалӣ дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, алгоритмҳо ва моделҳои эконометрикӣ хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст.

## ҚАРОРИ ҶАЛАСА

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонов Абдулхайт Каримович, баромади муқарризон: Сарабекова И.З. -н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ, Каримов М.И.- н.и.и., муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ, Олимов С.И.- н.и.и., дотсенти кафедраи

менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси натиҷаи овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.
2. Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700- Менеҷмент (6D050704-ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар, ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд- 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 18 нафар
зид - нест
бетараф - нест

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Доннишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2024, бо с/м № 6 тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа:** И.в. мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ, н.и.и., дотсент Содиқов Қ.А.

**Котиби ҷаласа:** ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ Файзуллоев Б.С.

**Имзоҳои Содиқов Қ.А. ва Файзуллоев Б.С.-ро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.